# ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, ба диссертатсияи Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – "таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)" (протоколи № 23 аз 27 августи соли 2020)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдуловичро дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М.) муҳокима намуда, тақризи ташкилоти тақриздиҳанда – Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих, профессор Каримзода Осим Қосимӣ ва номзади илмҳои таърих Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна, муқарризони ғайрирасмӣ Ҳотамов Н.Б., Раҷабов А., Абулҳаев Р., Ғафуров А., Пирумшоев Ҳ. ва хулосае, ки шӯрои диссертатсионӣ қабул кардааст, шунида, инчунин натиҷаи овоздиҳии пинҳониро ба инобат гирифта,

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 қарор мекунад:**

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 10,16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад. Интишороти диссертант мазмуни асосии диссертатсияро комилан инъикос мекунанд.

2. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Мирзоев Ҷурабек Абдулович додани дипломи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дархост карда шавад.

**Раиси**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **Н.К.Убайдулло**

**Котиби шӯрои**
**диссертатсионӣ,**
**д.и.т.** **Н.Ҷ. Хоҷаева**

**27.08.2020.**